## ХУЛОСАИ

комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-022-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи номзадии Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна ба таҳқиқи масъалаи хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насруло бахшида шудааст. Ҳалли масъалаҳое, ки таҳқиқи онҳоро унвонҷӯ вазифаи аслии худ қарор додааст, дар густаришу инкишофи диди шоирона нисбат ба адабиёту ҳунар, ғояҳои олии умумиинсонӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ҳисси масъулият нисбат ба тақдири инсонҳо, садоқат ба Ватан, даъват ба Ваҳдату иттиҳод, худшиносиву худогоҳӣ, ифтихор аз давлату давлатдорӣ, пос доштани забони модарӣ, муқаддасоти миллӣ, маросимҳои халқи тоҷикӣ аз моҳияти бузург бархурдор аст. Дар ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло ин масъалаҳо то ҷойи имкон бо тобишҳои нав ба нав ва тозаи ҳунарӣ, камоли истеъдод ва маҳорати баланд, эҳсоси инсондӯстиву ватанпарварӣ ифода ёфтаанд. Мавзӯи интихобкардаи диссертант муҳимму арзишманд буда, диссертатсия дар асоси методи китобхонаӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, оморӣ ва усули таҳлилӣ таълиф гардидааст.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ ҳазорон падидаҳо ва чолишҳои дигаре аз худ дарак медиҳанд, ки аксар талаботашон хилофи фаҳмиши анъанавии ватандорӣ буда, ба шуури фарҳангӣ, таърихӣ, динӣ ва милии аксарияти кишварҳои Ховари миёна тасаллут пайдо кардан мехоҳанд ва Тоҷикистони мо ба унвони як кишвари соҳибистиқлол аз ин ҷараён берун буда наметавонад. Аз ин рӯ, пажӯиш ва таҳқиқи назари шоирони тоҷик ба масъалаҳои ҳуввиятхоҳӣ ва меҳанпарастӣ, ба таври том ва дар тафаккуру ашъори шоирони ҷудогона, ба таври алоҳида, талаби замон буда, гузашта аз ин муҳиммияти ин мавзӯъ дар илми адабиётшиносии муосир, зарурати он барои тарбияи насли созандаи имрӯз ва ояндаи миллати тоҷик аз ҷумлаи муҳиммоти ҷомеаи муосир аст.

Навоварии кори диссертатсионии Мустаҷобова Рудоба дар он зоҳир мешавад, ки унвонҷӯ бори нахуст дар адабиётшиносии ватанию хориҷӣ масъалаҳои алоқаманд ба хусуиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насруллоро мавриди пажӯиш қарор додааст. Бо назардошти шароити кунунии ҷомеа ва замони Истиқлолият шеъри ӯ аз ҷиҳати мазмун, мавзӯъ дорои ҷилои тоза гардида, ба зиндагии имрӯз ва масъалаҳои иҷтимоӣ робитаи мустаҳкам ва комил пайдо намудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқ.** Сарчашмаҳои асосии таҳқиқ дар диссертатсияи Мустаҷобова Рудоба маҷмӯаҳои ашъори Камол Насрулло мебошанд, ки бо номҳои «Навгонӣ» (1978), «Номаи боли кабӯтар» (1988), «Нома ба офтоб» (1988), «То даме лонаҳо гарманд» (1993), «Тоҷикистонро дигар қисмат макун» (1996), «Дар фурудгоҳи як таманно» (2003), «Фаросӯи нигоҳ» (2007), «Рӯ ба меҳроби Ватан» (2010), «Зангӯлаи фарёд» (2011), «Ашки сапеда» (2011), «Дар оғӯши хазонрез» (2018) дастраси хонанда гардидаанд.

Дар ҷараёни баррасии мабоҳиси матраҳ дар диссертатсия аз асарҳои илмии шарқшиносону адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, китобҳои таърихи адабиёт, осори таҳқиқотии марбут ба шинохти шеър, китобҳои таълифшуда доир ба санъати сухан истифода шудааст.

Диссертатсия дар асоси методи китобхонаӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, оморӣ ва усули таҳлилӣ таълиф гардидааст.

Ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои ҷудогона аз таҷриба ва дастовардҳои илмию методии муҳаққиқону суханшиносони барҷастаи ватанию хориҷӣ, ба монанди Холиқ Мирзозода, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Раҳими Мусулмониён, Худоӣ Шарифзода, Абдунабӣ Сатторзода, Худойназари Асозода, Абдурраҳмони Абдуманнон, М. Нарзиқул, Л. И. Тимофеев, Д. С. Лихачёв, Н. Поспелов, В. Хализев, М. Б. Храпченко ва дигарон самаранок истифода шудааст.

Дар се боб ва зерфаслҳои диссертатсияи Мустаҷобова Рудоба масъалаҳои зерин таҳқиқ шудаанд: ҷустуҷӯ перомуни оғози зиндагӣ, муҳити хонаводагӣ ва таҳсилоти Камол Насрулло, оғози фаъолияти эҷодии шоир, вуруд ба муҳити адабии марказ ва фаъолият дар самтҳои дигар, таснифот ва таълифоти адиб, таҳқиқи хусусиятҳои мавзӯии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло, баррасии мавзӯи ватан ва ватандӯстӣ дар ашъори шоир: Ватан, ватандорӣ ва ифтихори миллӣ, бозтоби рӯйдодҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои он, васфи Ватан, муайян кардани ибтикороти шоир дар сурудани ашъори ватандӯстона, баррасии мавзӯи Ваҳдати миллӣ, Истиқлоли давлатӣ, санаҳои тақдирсоз, анъана ва маросимҳои мардумӣ дар эҷодиёти шоир, таҳқиқи мухтассоти ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло, омӯзиши вижагиҳои ашъори ватандӯстонаи шоир аз назари забон, тарзи баён, ибдооти шоирона ва истифодаи санъатҳои бадеӣ.

Дар хулосаи диссертатсия ба таври ҷомеъ натиҷаҳои таҳқиқи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна баён гардидаанд, ки асосноку мудаллал мебошанд. Феҳристи адабиёт бар асоси меъёр ва талаботи ҷорӣ мураттаб гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои умумии диссертатсия мебошанд.

Муҳиммияти таҳқиқ, тозагиҳои илмӣ ва аҳаммияти назарию амалии диссертатсияро ба назар гирифта, комиссия ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»** таҳқиқи ҷомеи баитмомрасида буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Мустаҷобова Рудоба Мукаррамшоевна дар мавзӯи **«Хусусиятҳои мавзӯӣ ва ҳунарии ашъори ватандӯстонаи Камол Насрулло»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мувофиқ буда, онро ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи ташхис муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмию таҳқиқотиашон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқ аст, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

1. **Элбоев Вафо Ҷӯрақулович** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.
2. **Нуров Нуралӣ Нурович** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷики МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

Ба ҳайси **муассисаи тақриздиҳанда** Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б. Искандарови АМИТ шаҳри Хоруғ пешниҳод мешавад.

Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани **автореферати диссертатсия** дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон барои чопи **автореферати диссертатсия** бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат додан мумкин аст.

**Раиси комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ — А. Кучарзода

**Аъзои комиссияи ташхис:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ — Р. Раҳмонов

доктори илмҳои филологӣ, профессор,
узви Шӯрои диссертатсионӣ — У. Сафаров